# Сипос – ташаккур - раҳмат

Опубликовано 1 января, 2017 - 11:11 пользователем Ҳайати тадорукот
Аз ин се вожа ду вожаи нахуст (сипос ва ташаккур) дар форсӣ, тоҷикӣ ва дарии Афғонистон ба кор рафта, аммо вожаи «раҳмат» махсуси забони тоҷикӣ ва забонҳои туркии Осиёи Миёна маҳсуб мешавад. Ин вожа дар осори муштараки порсии дарӣ ё форсии классик дар муқобили «сипос» ва «ташаккур» корбурд надорад, ки дар поён дар мавриди ҳар кадоме аз онҳо бар асоси осори давраҳои таърихии забон чунин як тавзиҳотро метавон пешкаш кард.

1. Сипос (سپاس). Дар забони форсии миёна — spās ба маънои «сипосгузорӣ, ташаккур, сипосгузорӣ кардан, изҳори ташаккур кардан»; хидмат, навкарӣ, кор, вазифа омадааст. Дар маънои дувум вожаи мазкур дар шакли ’sp’s дар мутуни порти монавӣ ва ‘sp’s дар форсии миёнаи монавӣ ба кор рафта, ба гунаи ’sp’s дар осори монавӣ ба маънои «сипос, ташаккур, сипосгузорӣ кардан» омадааст. Дар суғдӣ ’sp’s (1604) -«сипос, хидмат, эҳтиром» ва дар арманӣ spas (иқтибоси форсии миёна) маъмул аст. Дар забони авестоӣ (1614) spas – «риоят кардан, муроот кардан; таваҷҷуҳ кардан, мувозибат кардан, интизор доштан».

Дар забони форсии миёна аз бунёди spās дар вожасозӣ spāsdār «сипосгузор» spāsdārīh «сипосгузорӣ» spāsešnās

«сипосшинос», spāsōmand «сипосманд» ва ё феълҳои таркибии номии spās dāštan «сипос доштан», spās hangāran (дар ҳамин маъно) ташкил шудаанд, ки ин ҳама ба бунёди spās (сипос), иртибот мегиранд. [ Bartholomae 1904; Nyberg 1974; MacKenzie 1971].

Бинобар осор ва фарҳангномаҳои порсии дарӣ вожаи «сипос» дар ин марҳилаи рушди забон ҳамчун мероси форсии миёна ва ё паҳлавӣ корбурди фаровон доштааст. Ҳамчунон ки муаллифи «Луғатнома» Деҳхудо овардааст, ин вожа дар «Бурҳони қотеъ» ба маънои «ҳамду шукру неъмат» ва дар «Ғиёс ул — луғот» ҳамчун «ҳамд» маънӣ шудааст.

Дар чанде аз фарҳангномаҳо (Бурҳони қотеъ, Анҷуманоро, Рашидӣ, Ҷаҳонгирӣ) «сипос» дар маъноҳои «қабул, миннат» ва дар бархе маврид «сипос» дар маъниҳои «лутфу шавқат» ва «марҳамат» омадааст [Луғатнома, ҷ.9].

Бар асоси маводи «Луғатнома» вожаи «сипос» дар осори

Дақиқӣ, Фирдавсӣ, Манучеҳрӣ, Асадӣ, Масъуди Саъд, Сӯзанӣ, Фаррухӣ, Носири Хусрав, Саъдӣ, Низомӣ, Ҳоқонӣ ва дигарон ба кор рафта, дар вожасозӣ, ба вижа дар ташкили чанде аз феълҳои таркибии номӣ бо феълҳои ёвари гуногун мавриди истифода қарор гирифтааст.

Вожаи «сипос» дар ташкили як идда феълҳои таркибии ном ӣ дар забони порсии дарӣ ба кор рафтааст, ки намунаи он тибқи «Луғатнома» (ҷ.9) чунин аст:

сипос пазируфт — «қабули миннат кардан, шукргузорӣ кардан, мамнун шудан»; сипосдорӣ кардан — «шукр» (аз «Тоҷ ул- масодир»-и Байҳақӣ; «Таърихи Табарӣ», «Таърихи Байҳақӣ »); сипос доштан - «мамнун будан, шукур доштан, ташаккур, шукр»; сипос кардан — «шукр кардан»; сипос гузордан - «шукр кардан, шокир будан»; сипос гузоштан — «шукр кардан, шокир будан»; сипос гуфтан - «шукр кардан, шукр гузордан»;

Дар «Фарҳанги Онандароҷ» феъли «сипосидан» ба маънои «ҳамду шукри Худо кардан» ба кор рафтааст. (Луғатнома, ҷ.9).

Вожаи «сипос» дар байте аз «Юсуф ва Зулайхо»-и Шамсӣ дар як таркиби муродифи ҷуфти «шукру сипос», ки чандон корбурд надорад, ба мушоҳида мерасад (Луғатнома, ҷ.9).

Дар «Фарҳанги русӣ-форсӣ» таълифи Р.А.Галунов (соли 1937) вожаи русии «спасибо» ба форсӣ «марҳамати шумо зиёд бод; лутфи шумо зиёд; ташаккур мекунам» маънӣ шудааст.

2. Шукр ( ش کر) — «Сипос доштан ва санои неку гуфтани Худой ва ҳар муҳсинро бар эҳсон»; «сипос ва сано гуфтани мунъимро ба неъмати ӯ ва он барои Худои Таъоло ва ҳар мунъиме ба кор равад, вале ҳамди махсуси Худост»; «подош додани Худой бандаро»; «розӣ будан аз кас». Шукр — ҳамд; санои ҷамил бар муҳсин ва сипос; сипос ва санои ҷамил ва зикри неку». Муаллифи «Луғатнома» оварда, ки дар форсӣ ба лафзи кардан ва гуфтан ва гузордан ва доштан мустаъмал аст. Сипосгузорӣ, сипос, сано; муқобили шикоят, муқобили гила (Луғатнома, ҷ.9).

Муқоиса шавад: шукри Оллоҳ = сипос Худойро; шукри Эзад, шукр Эзадро, шукри Худо.

Ташаккур (ت ش کر) — сипосдорӣ кардан, сипосдорӣ намудан, сипосгузорӣ кардан (Луғатнома, ҷ.5 бо истинод ба чандин фарҳангҳои порсии дарӣ).

Дар забони форсӣ: ташаккур, шукр; муташакирам, мамнунам; (Восканян 1986) дар дарии Афғонистон ташаккур.
Раҳмат (رحمت) . дар «Луғати русӣ — тоҷикӣ»-и соли 1943 дар алифбои лотин вожаи русии «спасибо» ба тоҷикӣ чунин маънӣ шудааст: «раҳмат, ташаккур, саломат, шукр»; дар «Луғати русӣ — тоҷикӣ»-и соли 1949 «раҳмат, ташаккур»; дар «Луғати русӣ — тоҷикӣ»-и соли 1985 «раҳмат, ташаккур»; большое спасибо — бисёр раҳмат! дар дарии Афғонистон «ташаккур», большое спасибо — бисёр ташаккур [Киселева, Миколайчик 1986]; дар ӯзбекӣ «раҳмат» (rahmat) — вожае барои изҳори сипосгузорӣ аз хубии касе; ташаккур [Муҳаммад Ҳалим Ёрақин, Шафиқа Ёрақин 1386].

Дар «Луғатнома»-и Деххудо бар асоси шарҳи фарҳангномаҳои куҳан ва овардани шоҳиди фаровон аз осори порсии дарӣ вожаи «раҳмат» чунин шарҳ шудааст: «меҳрубонӣ, меҳрубонӣ ва марҳамату шафқат, раъфат, раҳм»; бораҳмат — меҳрубон, соҳиби раҳму раъфат, ки раҳму раҳмат дошта бошад; рауф, раҳим; бераҳмат — бераҳм, номеҳрубон, ки раҳму шафқат надорад; меҳрубонӣ кардан; омурзиш, мағфират; афв, бахшиш, бахшидан» (Луғатнома, ҷ.8).

Раҳмат = яке аз вожаҳои арабист, ки дар «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ ба маънои «меҳрубонӣ» ва «шафқат» ба кор рафтааст (Луғатнома, ҷ.8).

Дар забони форсӣ «раҳмат» (رحمت) дар ин маъниҳо маъмул аст: 1. меҳрубонӣ; 2. бахшоиш; 3. бахшиш; раҳмат кардан 1. меҳрубони кардан; 2. барои касе аз Худо бахшоиш хостан; 3. (маҷозан) ба неки ёд кардан; ба раҳмати Худо пайвастан – киноя аз мурдан [Фарҳанги форсии имрӯз 1375].

Дар забони тоҷикӣ ин вожаи арабӣ дар баробари он ҳама маъниҳои шинохтаи он дар забон ва осори порсии дарӣ ба маънои «сипос» ва «ташаккур» низ ба кор меравад, ки чунин маъно махсуси забонҳои дигари туркии Осиёи Миёна низ мебошад.

Дар забони тоҷикӣ вожаи «раҳмат» бо доштани маънои «меҳрубонӣ» ва «шафқат» ба маънои «сипос» ва «ташаккур» меояд, ки он пас аз солҳои 20-уми асри ХХ бар ивази «сипосу ташаккур» ба кор рафтааст. Ҳангоми сипосгузорӣ дар таркиботи «раҳмат гуфтан», «раҳмат ба шумо» аз ин вожа истифода мешавад. Ва ё дар мафҳуми «Худо раҳмат кунад» «раҳмат» ба маънои «биомурзад», яъне «Худо биомурзад» ба кор меравад. Ҳамин маъно дар вожаи «раҳматӣ» дар нисбати ашхоси фавтида гуфта мешавад. Чунин ба назар мерасад, ки дар ҳавзаи забонии Осиёи Миёна вожаи «раҳмат» кӯ тоҳшудаи мафҳуми «Раҳмати Худованд бод бар шумо», ки дар шакли сиғаи омолу орзу (оптатив) баён шудааст, мебошад.

Бояд зикр кард, ки дар бархе аз гӯишҳои забони тоҷикӣ то ба имрӯз аз вожаи «шукр» (дар арабӣ шукран) ва ё «шукри Худо» истифода мешавад. Ин вожа дар муқобили «раҳмат», ки дар забон корбурди фаровон дорад, дар бархе аз ин гӯишҳо дар гуфтори мардум фаровон ба мушоҳида мерасад.

Ҳоло истифодаи «шукр» ё «ташаккур» дар забони тоҷикӣ бар кунунии забон дар муқобили сабки омиёна хеле дуруст маъни мешавад.

Феҳристи манобеъ:

ВосканянГ.А. Р Русско-персидский словарь.-Москва, 1986.
ГалуновР.А. Русско-персидский словарь. (Дар ду ҷилд).— Москва, 1936-1937.
Киселёва Л.Н., Миколаичик В.И. Қомуси дарӣ ба форсӣ.-Москва, 1986.
Луғати русӣ-тоҷикӣ (Зери таҳрири С.Айнӣ, С.Р. Ализода, А. Исмоил-зода, Раҳим Ҳошим ва Муҳаммадҷони Юсуфӣ). (Дар ду ҷилд). – Сталинобод, 1933-1934.
Луғати русӣ-тоҷикӣ (Зери таҳрири А.П.Деҳотӣ ва Н.Н.Ершов). – Москва-Сталинобод, 1949.
Луғати русӣ-тоҷикӣ (Зери таҳрири М.Осимӣ). – Москва, 1985.
Фарҳанги узбакӣ ба форсӣ. Муаллифон: Муҳаммад Ҳалим Ёрақин, Шафиқа Ёрақин. – Теҳрон,

1386.
Фарҳанги тоҷикӣ ба русӣ (Зери таҳрири Д.Саймиддинов, С.Д. Холматова, С. Каримов). – Душанбе, 2006.
Фарҳанги форсии имрӯз. Ғ.С.Афшор, Н.Ҳакимӣ, Н.Ҳакимӣ. – Теҳрон, 1375.
Bartholomae Chr. Altiranisches Wörterbuch. – Strassburg, 1904
MacKenzie D.N. A concise Pahlavi Dictionary. – London, 1971.
Nyberg H.S. A Manual of Pahlavi. – Wiesbaden, 1974.

Д. Саймиддино

**Рейтинг контента:** 1

Средняя оценка: 1 (1 голос)

Rate

## Категория:

- Мақолаҳо [1]
- Фаъолият [2]

**Источник::**http://kumitaizabon.tj/ru/node/145?mini=2024-01

**Ссылки**
[1] http://kumitaizabon.tj/ru/taxonomy/term/26 [2] http://kumitaizabon.tj/ru/taxonomy/term/24